Протоколи № 2

маҷлиси шуъбаи забоншиносии ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ

аз таърихи 22.02.2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:

Мирзоев С. – н.и.ф., (мудири шуъбаи забон), Тураев Б. – н.и.ф., ходими калони илмӣ, Бобохонов Б. – ходими калони илмӣ, Шарифова Г.– н.и.ф., ходими калони илмӣ, Мамадаминова З – ходими илмӣ, Қодирова С.– н.и.ф., ходими калони илмӣ, Собирчонов С.– н.и.ф., ходими калони илмӣ ва Каримова Г. – докторанти шуъба

Рӯзномаи маҷлис:

Баррасии диссертатсияи Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи **«Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ).

Баромад карданд:

1. Тураев Б. – Ман рисолаи шуморо пурра хондам. Кор кори хуб ва ҷолиб мебошад ва ғалатиҳои имлоиву техникӣ низ кам ба мушоҳида мерасад. Ба ман ҳар ду боби диссертатсия писанд омад, чунки калимаҳои таҳлилгардида вобаста ба баромадашон ба пуррагӣ таҳлил гардидааст. Дар баробари муваффақият баъзе камбудиҳо низ гузаштааст, ки ба гумони мо барои ислоҳи онҳо вақти зиёде ҳам сарф намешавад.

– Муқаддима хеле калон аст, онро каме кутоҳ кардан лозим аст;

– Мушоҳида мешавад, ки дар саҳифаҳои кор коидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ риоя нашудааст. Ислоҳи онҳо ҳатмист.

Хулоса, рисола анҷомёфта ҳисобида шуда, пас аз ислоҳи камбудиву норасоиҳо ба Шӯрои олимони институт тавсия гардад.

2. Бобохонов Б. - Ин кор аз рисолаҳои қаблӣ пешниҳодшуда хубтар буда, калимаҳои сеҷузъа дар ду боб зиёд таҳлил гардидааст, ки яке аз муваффақиятҳои он мебошад. Мухокима муҳокимаи хуб, ҷиддӣ ва эродҳои гирифтаи аъзои шуъба ба манфиати кор буда, ислоҳи онҳо аҳамияти рисоларо аз нуктаи назари илмӣ боло мебарад. Бо вуҷуди ин баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки иборатанд аз:

- фасли 7-уми боби аввал ба боби дуюм гузаронда шавад мантиқан дурусттар мешавад;

Кор дар маҷмуъ хуб таҳлилу баррасӣ шудааст. Аз ин рӯ, ман ҳам ҷонибдори онам, ки пас аз ислоҳи камбудиҳо рисола ба Шӯрои дифоъ пешниҳод шавад.

3. Қодирова С. – Ман низ рисоларо ба пуррагӣ хондам. Ба андешаҳои устодон мувофиқам. Кор кори хуб ва заҳмати зиёд ба харҷ дода шудааст. Дар вақти мутолиа ба назари ман ҳам баъзе камбудиҳо расид:

- замима як маротибаи дигар аз ҷиҳати таҳлили морфологӣ дида шавад;

- шарҳи баъзе калимаҳо, пурратар карда шаванд.

Заҳмати зиёд сарф шудааст, маводи хуб ва воқеан илмӣ.

Дар маҷмуъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба Шурои олимони институт пешниҳод шавад.

4. Шарифова Г. – Ман рисоларо хондам. Ба андешаи дигарон ман ҳам мувофиқам. Ин рисола аз рисолаҳое, ки чанд вақт пеш баррасӣ карда будем, фарқ дорад. Забони рисола ва маводи таҳлилшуда ба ман писанд омад. Рисола дар муҳлати муайяншуда ба анҷом расидааст. Дар баробари ин ҳама комёбиҳо баъзе камбудиҳо низ вуҷуд доранд, ки барои ислоҳи онҳо вақти зиёде ҳам сарф намешавад:

- баъзе фаслҳоро кутоҳ кардан лозим аст;

- баъзе мисолҳоро аз боби якум ба боби дигар гузаронидан лозим;

- рӯйхати адабиёт мувофиқи алифбо ҷо ба ҷо шавад.

Хулоса, кор пас аз ислоҳи камбудиҳо ба Шурои олимони институт пешниҳод шавад.

Қарори шуъба:

Фаъолияти кории муҳаққиқ Каримова Гулзира Нуруллоевна ба инобат гирифта шуда, шуъба қарор мекунад:

1. Диссертатсияи номзадии Каримова Гулзира Нуруллоевна дар мавзуи **«Вожаҳои мураккаби сеҷузъа дар забони тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шуда, пас аз ислоҳи эродҳои аъзои шуъба ба Шурои олимони институт пешниҳод шавад.

2. Фишурдаи рисола ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муҳаққиқ мазмуни рисоларо пурра ифода карда метавонанд.

3. Ба муҳаққиқ муҳлати муайян дода шавад, то камбудиву норасоиҳои рисоларо ислоҳ намояд.

Раис **Тураев Б.**

Котиб **Мамадаминова З.**